Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи “Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устврори ҷомеаи тоҷикистонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Кори диссертатсионии Асламзода Некруз дар мавзуи “Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устврори ҷомеаи тоҷикистонӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Масъалаи бехатарӣ ва таъмини он масъалаи мухим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, рӯз аз рӯз вобаста ба ташаккули таҳдидҳо аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Масъалаи бехатарӣ ҳанӯз аз замони пайдоиши аввалин давлатҳо ҳамчун масъалаи асосӣ, бақо ва пойдории давлату ҷомеаҳо пазируфта мешуд. Ҳолати бехатариро шарти асосии пайдоиши сиёсат ва давлат, пойдории ҷомеа эътироф намудан зарур аст. Аҳаммияти бехатарӣ дар баробари тараққиёти ҷамъият мунтазам меафзояд. Таъмин ва ҳифзи бехатар аз ибтидои тамаддун ҳадафи асосии фаъолияти инсон ва баъдан ҷомеа ва давлат ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам чунин эътибор ва зарурияташро гум накардааст.

Манфиатҳои ҷомеаро дар тамини бехатарии ҷомеа, рушди устувори ҷомеа, таҳкими демократияи солим дар ташкили давлати ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ,

ноил шудан ва нигоҳ доштани ҳамоҳангии ҷамъиятӣ, эҳёи маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ, таъмини шароити иҷтимоии ҷамъиятӣ ва ғайра дидан мумкин аст.

Шарти татбиқи манфиатҳои миллии Тоҷикистон таъмини бехатарӣ, нигоҳ доштани ҳолати суботи кишвар аз ҳар гуна таҳдид ва хатарҳои замони муосир, рушди устувори ҷомеа мебошад. Ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аз таъмини бехатарӣ ва рушди устувори соҳаҳои гуногун: сиёсӣ, идоракунӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву маънавӣ, иттилоотӣ-мафкуравӣ, байналмилалӣ ва экологӣ иборатанд.

Таъмини бехатарӣ, ташкили шароити рушди устувор ва таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, ки яке аз манфиатҳои ҳаётан муҳими давлату миллат ба шумор меравад, падидаи муҳимтарини рушди давлати миллии Тоҷикистон буда, дар самтгирӣ ва дарёфти мақоми кишвар дар низоми ҷаҳонӣ нақши муассир мегирад.

Мушкилоти давлатҳои муосирро бештар масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ, рушди давлатдорӣ ва таъмини тартиботи бехатарии онҳо ташкил медиҳанд. Масъалаи таъмини бехатарии сиёсӣ-идоракунӣ яке аз асосҳо ва мушкилтарин масъалаи мустаҳкамкунии пояҳои давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Бехатарии сиёсӣ идоракунӣ ҳолати муҳофизатшавандагии системаи сиёсӣ ва низоми идоракунии давлатӣ аз таҳдид ва хатарҳои дохилию берунӣ мебошад. Он фазоест, ки ба таври муташаккилона ва устувор ташаккул ва инкишоф меёбад.

Дар низоми давлатдории муосир дар заминаи фаҳмиши мухталифи масъалаҳои тааллуқ ба ҷомеаи умумибашарӣ таъмини бехатарӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ҳолати озодии инкишофи инсон ва риояи ҳуқуқҳои он, ҳимояи сохтори конститутсионӣ, ки масъали муҳим ба ҳисоб меравад, мавриди омӯзиши васеъ қарор гиранд. Алоқаманди бо ин масъалаҳо яке аз мушкилоти асосии давлатҳо, махсусан, давлатҳои тозаистиқлол ин таъмини бехатарӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ,

нигоҳ доштани муътадилии инкишоф, самаранок гардонидани раванди рушди устувор мебошад.

Барои Тоҷикистони муосир, ки ҳадафи асосиро нигоҳ доштани шароити бехатарии рушд ва устувории ҷомеа, бунёди ҷомеаи демократӣ ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ ташкил медиҳад, масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷомеа танзими тамоми муносибатҳо ба хотири расидан ба устувории инкишоф, инчунин тавоно гардонидани давлат дар ростои таҳдид ва хатарҳои ҷаҳони имрӯза хеле муҳиманд. Мавҷудияти омилҳои монеашавандаи таъмини бехатарӣ ва рушди устувори давлату ҷомеаи Тоҷикистон фаъолияти самаранок ва системавии тамоми таркиботи институтсионалии давлат ва ҷомеаро талаб дорад.

Диссертатсияи Н. Асламзода аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дар маҷмуъ аз шаш зербоб иборат аст, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объект, предмет, мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмиии таҳқиқот, ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола Н. Асламзода асосҳои сиёсӣ ва назариявию методологии таҳқиқи масъалаи бехатарӣ ва махсусан бехатарии миллиро таҳлилу таҳқиқ намуда, паҳлуҳои асосии консептуалии онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ин бахш муаллиф масъалаҳои хусусиятҳои бехатарӣ ҳамчун омили асосии рушду инкишофи ҷомеа, аз ҷумла ҷомеаи муосир, мафҳум ва моҳияти бехатарӣ ҳам аз назари категориявӣ ва ҳам аз назари сиёсӣ – консептуалиро баррасӣ намудааст. Дар мавриди аҳамият ва зарурати он барои инкишофи ҷомеа натиҷагириҳои муайяне анҷом додааст. Дар хусуси назарияи сиёсӣ оид ба моҳият, ҳадаф ва хусусиятҳои асосии бехатарии миллӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми илмҳои сиёсии муосир низ ба

таври муфассал андешаҳоро тавсиф намудааст. Муаллиф тарзи муносибати гуногун ва методҳои мухталифро оид ба назария ва таҳқиқу таҳлили масъалаҳои бехатарӣ, рушди ҷомеа, таҳдиду хатарҳо истифода намуда, айният ва фарқияти онҳоро доир ба фаҳми дурусту воқеии бехатарии миллӣ тавсиф намудааст.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ Н. Асламзода бештар ба шаклгирии низоми бехатарии Тоҷикистон ва самтҳои асосии инкишофи он, масъалаҳои муҳими таъмини бехатарӣ ва инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ, таҳдид ва хатарҳо ба низоми бехатарии Тоҷикистон дар шароити муосир, роҳҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити таҳдид ва хатарҳо, механизми таъмини бехатарӣ ва рушди устувор дар Тоҷикистониро мавриди таҳқиқ ва таҳлилу натиҷагириҳо қарор додааст. Муаллиф таҳдид ва хатарҳое, ки рушди устувори ҷомеаи ҷаҳониро аз байн мебаранд ва хавфи асосиро барои низоми бехатарӣ эҷод мекунанд, барои низоми бехатарӣ ва инкишофи мутаносиби ҷомеаи Тоҷикистон низ таъсири харобиовари бевоситаи худро мерасонанд ошкор намуда, дараҷаи таъсиррасонандагии онҳоро муайян намудааст

Дар хулоса натиҷаҳои ба даст овардашуда ва тавсияҳои муаллиф ҷой гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар гузориши масъала ва баррасии ҳаматарафаи он зоҳир мегардад. Мақсад ва вазифаҳои рисолаи мазкур доираи васеи масъалаҳои вобаста ба бехатарӣ ҳамчун омили асосии рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ, таъмини бехатарӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои дурнамои инкишоф ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар марҳилаи нави рушди Тоҷикистонро фаро мегирад. Навгониҳои рисолаи илмиро ба таври мушаххас чунин муайян намудан мумкин аст: мафҳум ва моҳияти бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеа, хусусиятҳои зоҳиршавии он дар замони муосир ошкор гардидаанд; самтҳои илмии афзалиятнок дар омӯзишу таҳқиқи масъалаи бехатарӣ ва мавқеи онҳо дар нисбати баррасии масъалаи бехатарӣ ҳамчун омили рушд ва инкишофи

ҷомеа ва давлат муайян гардидаанд; навъу шаклҳои таҳдид ва хатарҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба низоми бехатарӣ ва рушди ҷомеа ва давлат мавриди таҳқиқ, таҳлил ва хулосагириҳо қарор гирифтаанд; низоми таъмини бехатарии Тоҷикистон ва мушаххассозии самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи он мавриди таҳлил ва омӯзиши васеъ қарор дода шудаанд; таъсири хатар ва таҳдидҳо ба низоми бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистон муайян гардидаанд; дараҷаи ҳимояшавандагии манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар шароити таҳдид ва хатарҳои замони муосир мушаххас гардида, роҳҳо ва воситаҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ пешниҳод гардидаанд; пешомади шаклгирии низоми таъмини бехатарӣ, рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ ва нақши мақомотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ғайридавлатӣ дар он таҳлил, муайян ва баҳо дода шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқотро метавон дар низоми корҳои таъмини бехатарии миллӣ ва давлатӣ ва ҷамъиятӣ, раванди таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои таҳдиду хатарҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳангоми анҷом додани фаъолияти таълимӣ, бахусус таълими илмҳои сиёсӣ ва илмҳои дигари ҷамъиятию гуманитарӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар 9-конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин, аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 8-мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо низ доранд. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Баррасии масъалаи таъмини бехатарӣ ҳамчун шарти рушди уствори ҷомеаи тоҷикистонӣ дар кори диссертатсионӣ ба назар мерасад. Аммо мақсад ва вазифаҳои таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа мушаххассан баён наёфтаанд

2. Дар кори диссертатсионӣ хуб мешуд, ишора мегардид, ки мавҷуд набудани бехатарӣ ва ё нокифоягии таъмини он ба доираи кадом арзишҳои умумимиллии тоҷикистонӣ бевосита таъсир мерасонад.

3. Муаллиф таҳдид ва хатарҳоро ба низоми бехатарӣ ва рушду уствори ҷомеаи тоҷикистонӣ дар нисбати соҳаҳои мухталиф нишон додааст. Хуб мешуд, ки афзалияти ҳимояшавандагии соҳаи муайянро ба таври махсус ишора мекард.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илман асоснокшуда ва ба таври мантиқӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд.

Диссертатсияи Асламзода Некруз ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ – таҳқиқи бехатарӣ ҳамчун омили асосии рушди уствори ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон медиҳанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Асламзода Некруз ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

мувофиқ буда, муаллифи он сазовори мушарраф гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи
Институти омӯзиши масъалаҳои
Давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Дороншоева Н.Ш.

Имзои Н.Ш.Дороншоеваро тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадри Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои Осиё ва
Аврупои АМИТ АМИТ Зуҳуров А.

**Суроға:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33

Тел.: +992 935219683.